Тақризи

муқарризи расмӣ, Раҳимов Муҳсин Ҳусайнович ба диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзӯи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа. Душанбе, 2023. – 164 саҳ

Давраи навини давлатдории тоҷикон дар замоне рост меояд, ки дар он аз як тараф раванди бемайлони глобализатсия ва аз тарафи дигар бозиҳои шадиди геополитикӣ, манфиатҷӯй, қудратталабӣ, таҳти таъсир қарор додани давлатҳои хурд, хатари воқеии аз байн рафтани баъзе давлатҳо, фарҳангу забонҳо ва ғайра беш аз пеш гардидааст. Дар ин марҳилаи ҳассос давлатдорӣ кардани кишварҳои ҳаҷман хурд дар назди абарқудратҳо ниҳоят кори сангин гардидааст. Барои дар муросо ва мадоро бо абарқудратҳои олам мардум ва хусусан роҳбарони кишварҳои хурдро зарур аст, ки аз як ҷониб илму техникаи пешрафтаи муоссирро азхуд намоянд ва аз ҷониби дигар анъанаҳои неки давлатдории ниёкон ва таъриху фарҳанги гузаштаи худро ба хубӣ биомӯзанд ва аз он дар раванди давлатдорӣ ба маврид истифода баранд. Мактаби муътазила ҳам дар рушди фалсафа ва озодандешӣ ва ҳам дар роҳу усулҳои давлатдорӣ кардан дар байни дигар мактабҳои ақлгарои ислом ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст. Таҷрибаи илмию фалсафии ин мактабро ба риштаи таҳқиқ кашидану анъанаҳои неки онро дар раванди такомули худшиносии миллӣ, эъмор ва рушди давлати соҳибистиқоламон корбаст намудан аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии худро диссертант пеш аз ҳама дар он асоснок менамояд, ки муътазила ҳамчун яке аз мактабҳои ақлгарои ислом ва таълимоти динию фалсафии он дар ҳошияи муносибатҳои муосири байналхалқӣ ва геополитикаи умумиҷаҳонӣ ба шакли хеле мутазод ва гуногунранг муаррифӣ гардидааст. Ба назари

диссертант ҳодисаҳои даҳсолаҳои охир, ки бо ҷараёни сиёсикунонии ҷомеаҳои кишварҳои минтақаи исломӣ алоқаманданд ва нақши идеологии исломи сиёсӣ, ноустувории рафтору муносибатҳои қолабие, ки дар он муқаррар шудаанд, баръало нишон медиҳанд, ки онҳо дар замони мо он қадар тағйир наёфтаанд. Чунин вазъият, бешакк, таҳқиқи бештар дақиққоронаи идеологияи исломӣ ва фаҳмиши интиқодии дастовардҳои илмии мутафаккирони мусулмонро на танҳо дар соҳаи маънавӣ, балки сирф илмӣ тақозо мекунад.

Аз ин лиҳоз, ба назари диссертант таҷдиди назар намудани мероси фалсафии мактабҳои ақлгароии ислом, ки муътазила аз ҷумлаи аввалини онҳост ва пайравони ин мактабҳо барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсбарангези вобаста ба олам ва инсон барои муайян намудани роҳҳои таҳаввулоти зеҳнӣ дар мисоли ақлгарой саҳми бузург гузошта буданд, хеле муҳим аст. Таҷрибаи ақлгароии муътазилиёнро унвонҷӯй басо ибратбахш шуморида, менависад, ки ба шарофати онҳо барои рушди фарҳанги маънавии ҷомеа, муносибатҳои одамон дар шаклҳои гуногуни ҳамзистӣ ва муборизаи фикрӣ-ақлонии мазҳабҳои мухолифи дохилӣ, ки ба шуури иҷтимой таъсири бузург гузошта буд, асоси бунёдӣ гузошта шуд. Фаъолияти муътазилиён ба ташаккулёбии фалсафа мусоидат карда, барои пайдоиши мактабҳои нави ақлгарой дар ислом замина гузошт.

Диссертант мушкилоти ҷомеаҳои муосири кишварҳои мусулмониро ба назар гирифта, қайд мекунад, ки ҳаракатҳои мухталифи муосири исломӣ ба роҳҳои воқеии ҳаллу фасли ин мушкилоти доғи ҷомеаи мусулмонӣ ниёз доранд. Дар солҳои охир ба таври назаррас ривоҷ ёфтани ақоиди идеологии исломӣ, ки асосан ба усулҳои бунёдгарой асос ёфтаанд ва барои ноил шудан ба «қудрати Аллоҳ дар рӯи замин» ва бо ҳар роҳу восита, аз ҷумла бо роҳи зӯрӣ барпо намудани ҷомеаи ба истилоҳ ормонии исломиро тарҳрезӣ мекунанд, ба мушоҳида мерасад. Бинобар ин, диссертант қайд мекунад, ки дар замони мо руҷуъ

овардан ба таълимоти муътазила, ки аввалин мактаби ақлгароиро дар шароити асримиёнагии ислом ба вуҷуд оварда буд, дар ҳаллу фасли мушкилоти ҷамоатҳои гуногуни муосир аҳамияти хосса дорад.

Ба таъкиди диссертант нигоҳдошти ақидаҳои тавҳидии умумиисломӣ ва дар баробари он – тасдиқи афзалияти ақл бар имон ҳанӯз аҳамияти худро гум накардааст. Маҳз муътазилиён пешбари ғояе буданд, ки бар зиддди догматизм ва авторитаризм барои ба эътидол овардани ҷаҳони ислом нигаронида шуда буданд. Дар муборизаи пайравони дин ва ҳаёти дунявӣ муътазила қодир аст барои баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои ормонии динӣ ва дунявӣ хидмат намуда, ҳамчун як навъ қолаби классикӣ мавриди истифода қарор гирад.

Ба навиштаи диссертант муносибати ақлонӣ ва интиқодии муътазила ба олам, ҷомеа ва инсон дар таърихи тамаддуни исломӣ самараи зиёде оварда, дар даҳсолаҳои охир талошҳои мутафаккирони исломиро барои эҳёи ин равия ривоҷ додааст.

Ба ақидаи диссертант Тоҷикистон, ки имрӯзҳо ҷомеаи дунявӣ ва давлати миллӣ месозад, мақоми ақлгарой дар фарҳанги муосири он хеле бузург аст, ки он ба анъанаҳои кишвар такя мекунад. Аҳамияти анъанаҳои ақлгароии муътазила дар ин раванд комилан бо равиши дунявии сиёсати имрӯзаи давлат мувофиқат дорад.

Диссертант ба сифати **ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот** - таҳлили ҷанбаҳои ақлгароиро ҳамчун ҷузъи таркибии сохтори фалсафии муътазила пешкаш намуда, барои расидан ба ин ҳадаф иҷрои **вазифаҳои зеринро** муҳим шуморидааст:

- муайян кардани консептҳои фалсафии ақл дар таълимоти муътазила ва асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши он;

- баррасии раванди ташаккулёбии тамоюлоти ақлгарой дар ақоиди мутафаккирони муътазила;

- таҳлили усулҳо (принсипҳо)-и муҳимтарини таълимоти муътазила дар доираи робитаи тарафайни бо дин ва фалсафаи он;

- омӯзиши хусусиятҳои ақлонии фалсафаи муътазила дар асоси таҳлили назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он;

- таҳқиқи масъала дар бораи он ки чӣ тавр дар фалсафаи ақлгароии муътазила мушкилоте, ки бо ақл ва иродаи инсон ҳамчун пояи асосии фалсафаи ақлгароии муътазила робита доранд, ҳаллу фасл ёфтаанд.

Диссертант ба сифати **навгониҳои кори диссертатсионӣ** бандҳои зеринро пешкаш менамояд:

- дар ҳудуди пасошӯравӣ масъалаи ақлгароии муътазила ба таври муназзам ва мушаххас бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифт;

- ба исбот расидааст, ки синтези ғояҳо, назарияҳо ва таълимоти динҳо ва мактабҳои фалсафию динии гуногун барои муътазила майдони муколамаҳо ва мубоҳисаҳоро ба вуҷуд оварда, дар онҳо усулҳо ва шаклҳои таҳқиқоти масъалаҳо мавриди озмоиш қарор гирифта, барои пайдоиши фалсафаи исломӣ замина муҳайё кардаанд;

- исбот гардид, ки дар таълимоти мутафаккирони муътазила тамоюлоти ақлонии фалсафаи он хусусияти муайянкунандагӣ дорад;

- муқаррар ва тасдиқ гардид, ки барои консепти ақлгароии муътазила панҷ усул (*ал-усул ул-хамса*)-и муътазила ҳамчун асоси назариявии таҳқиқи мубоҳисавии ақл ва имон мақоми калидӣ дорад;

- нақши ақл ва маърифати ақлонии муътазила ҳангоми дарки масоили метафизикӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби пайравони он ба исбот расида, муқаррар гардид, ки дар онҳо мақоми ақл бар эътиқод болотар гузошта шудааст. Ба ин васила барои рушди донишҳои ақлонии инсон асос гузошта мешавад.

Дар қисмати **нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, диссертант матлаби асосии таҳқиқоти худро дар 6 банд пешкаш гардонидааст ва бандҳои мазкур қобили қабуланд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он унвонҷӯй ба таври мудаллал матлабҳои зеринро ба исбот мерасонад: таълимоти муътазила бо ғояҳои ақлгароии он ҳамеша арзишҳои аслии фарҳанги исломӣ ва на он чизеро, ки пешвоёни гурӯҳҳои гуногуни ифротгаро, аз ҷумла салафия, бо тамоюли тахрибкоронаашон таблиғ менамоянд, дифоъ мекунад.

Аз ин нуқтаи назар маводи диссертатсия аҳамияти калони илмӣ дошта, ҳангоми таълими курсҳои таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, диншиносӣ, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, низоъшиносӣ ва муносибатҳои миллӣ ба кор рафта метавонанд. Муқаррароти дар диссертатсия пешниҳодшуда барои сохторҳои давлатӣ ва шахсӣ, ки фаъолияти онҳо бо рушди муносибатҳои фарҳангӣ бо кишварҳое, ки дар он ҷо навмуътазила ривоҷ меёбад, муфид буда метавонанд.

Сохтори диссертатисия. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб (ҳар кадом иборат аз се фасл), хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 164 саҳифа иборат аст.

Боби якуми диссертатсия **«Заминаҳои таърихӣ-иҷтимоӣ ва ғоявӣ-назариявии пайдоиши муътазила ва фалсафаи он»** номгузорӣ шуда, аз 3 зербоб иборат аст ва дар он асосан масъалаҳои марбут ба шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила, сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ратсионалистӣ ва намояндагони он, инчунин тамоюлоти ақлгароии муътазила мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якум **"Шароити таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши муътазила"** баррасӣ гардида, заминаҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши он нишон дода шудаанд. Ба назари диссертант муътазила нахустин мактаби фикрии каломӣ буд, ки ба фалсафаи исломӣ асос гузоштааст. Аз тарафи дигар, бояд ба назар гирифт, ки муътазила бовар дошт, ки таълимоти асосии динии он эътиқоди ҳақиқии исломист, ки ҳар як муъмин бояд онро қабул кунад. Муътазилиҳо, озодандешон ва каломиҳои ақлгаро

буданд: онҳо бовар доштанд, ки бо ёрии ақл онҳо эътиқоди ҳақиқӣ ва ҳақиқатро мефаҳманд. Барои ҳамин онҳо саъй мекарданд, ки таълимоти диниро низ тавассути ақлгарой ва мантиқ тафсир намоянд.

Зербоби дуюми диссертатсия мавзӯи **"Сарчашмаҳои ғоявии фалсафаи ақлгароии муътазила ва мутафаккирони он"**-ро дар бар мегирад. Диссертант дар ин зербоб, нахуст заминаҳои ташаккул ва минбаъд назару андешаҳои мутафаккирони мактаби муътазиларо пешкаш намудааст. Агар назари диссертантро роҷеъ ба масъалаи мавриди баррасӣ ба таври худ баён намоем он аст, ки заминаи нахустини ташаккули муътазила, ин Қуръон буда, баъдан дар рушди минбаъдаи он таъсири мутафаккирони Юнони Қадим, аз қабили Афлотуну Арасту ва навафлотуниён назаррас аст. Илова бар ин, ҷараёнҳои қадарияю ҷабарияю мурҷиа ва ҳатто зардуштия (зеро ки қадариҳо дар аввал аксар зардушия будаанд ва онҳоро маҷус меномидаанд), мактабҳои Басраю Бағдод дар омезиш ба таълимоти юнонию масеҳӣ, буддоию монавию яҳудӣ ва ғайра заминаҳои ташаккули муътазиларо бавуҷуд овардаанд.

Дар зербоби сеюми боби якуми диссертатсия "**Тамоюлоти ақлгарои (ратсионализм)-и муътазила**" мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Диссертант масъалаи то кадом ҳадд муътазилиён дар фаҳмиш ва таҳлили масоили гуногуни олам ва инсон ба далелҳои ақлгарой ва мантиқӣ такя менамуданд, равшан менамояд. Ба навиштаи диссертант: "Баҳсҳои гносеологӣ оид ба масъалаҳои динӣ дар даврахои аввали тафаккури исломӣ боиси зарурати пайдо кардани усул ва заминаҳои боэътимоди ба даст овардани дониши ҳақиқӣ гардид. Муътазила аввалин мактаби фикрие буд, ки ин ниёзро пай бурда, кӯшиш кард, ки методологияи динро дар меҳвари ақл ва илм муқаррар кунад. Муътазила ақлро сарчашмаи ҳамаи донишҳо медонист ва мекӯшид, ки масъалаҳои назариявӣ ва амалии исломро бо таваҷҷуҳ ба ақл ва дониш ба низом дарорад" (саҳ. 80-81).

Боби дуюми диссертатсия "**Фалсафаи ақлгароии муътазила**" номгузорӣ шудааст. Ин боб низ аз 3 зербоб иборат буда, асосан масъалаҳои усулҳои бунёдии таълимоти муътазила, хусусиятҳои ақлгароии таълимоти онҳо бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносӣ, инсон, ақл ва иродаи ӯро дар таълимоти муътазила мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар зербоби аввали боби дуюм – **"Усулҳои бунёдии таълимоти ақлгароии муътазила"** асосан назару андешаҳои теологону мутафаккирон роҷеъ ба панҷ усули муътазилиҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Ба таҳқиқи диссертант, панҷ усули муътазилиҳо дар доираи услуби ақлгароии онҳо қарор дошт. Ҳарчанд ҳанӯз дар ин таълимоти муътазилиён афкори илоҳиётшиносӣ бартарӣ дошт, аммо таъвилҳои ақлгароии онҳо барои пайдоиши фалсафаи онҳо ва минбаъд барои фалсафаи мактабҳои фикрии ақлгарои исломӣ заминаҳои устувор эҷод намуд. Дар усул-ул-хамса низ онҳо дар матлабҳои зиёд назар ба фақеҳону уламои муътадили ислом фарқ мекунанд ва аз ин рӯ, ба эътиқоди муътазилиён дар ҳамаи давраҳои ташаккулёбии афкори динию фалсафии исломӣ мухолифатҳои зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия "**Хусусиятҳои ақлгароии таълимоти муътазила бар пояи назарияҳои метафизикӣ ва табиатшиносии он**" номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб бошад, диссертант Қосимов Қ. ба хулосае меояд, ки дар дарк ва маърифати масоили вобаста ба табиатшиносӣ ва метафизикӣ муътазилиён дар зери таъсири ақоиди эллинӣ қарор доштанд. Ба навиштаи диссертант, муътазилиён ин ақоидро дар се ҷанба ҷамъбаст кардаанд, ки онҳо иборатанд аз таълимот дар бораи он ки ашё ё ҷисмҳо аз маҷмуи аразҳо таркиб меёбанд; таълимот дар бораи он ки ашё ё мавҷудоти ақлонӣ аз маҷмуи ҷисмҳои ба ҳам воридшаванда иборатанд; таълимот дар бораи он ки ҷисмҳо аз ҷузъҳо (атомҳо) ва аразҳои ба онҳо хос иборатанд. Эпистемологияи

воқеии онҳо мустақиман муътазиларо ба ҳукми шаккокона бурда, дар он пояҳои ақлгароиро тавлид намудааст (саҳ. 123).

Зербоби сеюми боби дуюми кори диссертатсионӣ ба ҳалли масъалаҳои **“Инсон, ақл ва иродаи ӯ дар таълимоти муътазила”** бахшида шуда, диссертант дар он асосан назару андешаҳои муътазилиёнро роҷеъ ба мавқеи ақлу идрок нишон медиҳад. Диссертант хулоса менамояд, ки муътазила бо истифода аз усули ақлгарой ва баланд бардоштани мақоми ақл дар идрок ва натиҷабандии мантиқии масъалаҳои мавриди баҳс, эътиқод ва таълимоти диниро бо принсипҳои асосии он дар доираи муайян маҳдуд намуда, ба онҳо хусусияти фалсафӣ бахшидаанд.

Бояд гуфт, ки диссертант ҳангоми таҳияи диссертатсия аз методҳои илмӣ-фалсафии индуктивию дедуктивӣ, герменевтикию муқоисавӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода бурдааст.

Хулосаҳои таҳқиқот дар панҷ саҳифа таҷассум ёфтаанд ва моҳияти диссертатсияҳо ифода карда метавонанд. Дар хотимаи диссертатсия рӯйхати адабиёти истифодашуда (164 номгӯй) тибқи талабот оварда шудааст. Адабиёти истифодагардида аз сарчашмаҳову таҳқиқот бо забонҳои тоҷикию форсӣ, русию арабӣ, англисию фаронсавӣ ва олмонӣ иборат мебошад. Мазмуну муҳтавои диссертатсияи мазкур бо фишурдаи (афтореферати) он ҳамоҳанг мебошад.

Дар маҷмуъ ба диссертатсияи Қосимов Қурбоналӣ Абдусамадович баҳои мусбат дода, ҳамин нуқтаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳои ҷузъӣ холӣ намебошад ва ислоҳи онҳо минбаъд ба фоидаи кор хоҳад буд:

1. Диссертант муътазиларо мактаби ақлгарой мешуморад, вале мутолиаи диссертатсия ишора бар он мекунад, ки муътазила дар бисёр маврид ба ислом низ такя мекард, зеро муътазила дар ҳар сурат шохаи мактаби калом буд. Хуб мешуд, ки диссертант то кадом андоза муросо кардани муътазиларо бо ислом ва то кадом андоза мухолифат кардани онро бо ин дин мушаххасан нишон медод.

2. Диссертант муътазиларо ҳамчун мактаб нишон медиҳад. Аз ин бар меояд, ки муътазила мактабе дар дохили мактаби калом будааст. Оё муътазиларо ҳамчун мактаб муаррифӣ кардан равост? Ё шояд муътазила яке аз ҷараёнҳои мактаби калом аст? Муътазила мактаб, ҷараён, равия, раванд, кадомаш бояд бошад?

3. Зербобҳо хулоса доранд, вале бобҳо хулоса надоранд.

4. Диссертатсия ҳанӯз ҳам хатогиҳои техникию имлоии зиёд дорад.

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, хусусияти тавсиявӣ доранд. Онҳо арзиши илмии рисоларо кам намекунанд ва диссертатсияи Қосимов Қурбонали Абдусамадович дар мавзӯи «Муътазила ва фалсафаи ақлгароии он (таҳлили таърихӣ-фалсафӣ)» кори илмӣ-таҳқиқотии ба анҷомрасида аст. Диссертатсия ба талаботҳое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳо, тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳо, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии
Донишгохи техникии Тоҷикистон ба
номи М.С. Осимӣ **Раҳимов М. Ҳ.**

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10
734003, Тел: 992(37)221-35-11; E-mail, info@ttu.tj;
WWW. @ttu.tj

Имзои д.и.ф. профессор М. Раҳимовро
тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С.Осимӣ **Қодирзода Н.Ҳ.**

21.10.2023